# ҶАЛАСАИ НАВБАТИИ ШУРОИ ОЛИМОНИ ПАЖӮҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ ДАР ШАШ МОҲИ АВВАЛИ СОЛИ ҶОРӢ

30 июни соли 2025 дар Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ҷаласаи навбатии Шурои олимон таҳти роҳбарии директори Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон номзади илмҳои техникӣ, Сироҷиддин Ниёзӣ доир гардида, масъалаҳои муҳимми марбут ба рушди соҳаи маориф мавриди баррасӣ қарор дода шуданд.

Аз ҷумла, Маҳмудзода Обидҷон - муовини директор оид ба таълим, доктори иолҳои педагогӣ вобаста ба «Фаъолияти кормандони раёсат, шуъбаҳо ва лабораторияи илмӣ-таҳқиқотии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон дар нимсолаи аввали соли 2025» ҳисобот дод.

Дар ҷараёни ҷаласа масъалаҳои ҷорӣ ин муҳокима ва баррасии мавзуҳои рисолаҳои унвонҷӯён докторантон аз рӯйи ихтисоси (PhD) докторантони анъанавӣ ва мақоми роҳбари илмии онҳо мавриди муҳокима қарор гирифта шуда, бо назардошти таклифу пешниҳоди аъзоёни ҷаласа қарорҳои дахлдор қабул гардиданд.






№13 - 0031



















